**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Парвандаи аттестатсионии №________**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 4 – уми июли соли 2023, № 41 дар бораи сазовор донистани Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 25 – уми апрели соли 2023 (суратмаҷлиси №32) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 – уми январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

**Довталаби дараҷаи илмӣ.** Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ санаи 21 феврали соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) таваллуд шудааст. Вай соли 2005 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро (минбаъд - ДМТ) аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос – омузгор бо дипломи аъло хатм намуда, сипас ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналхалқии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ба кор шурӯъ намуда, баъдан, то соли 2009 дар

кафедраи ҳуқуқи иқтисодии ҳамин донишгоҳ ба ҳайси ассистент ва муаллими калон фаъолияти илмӣ - омузгории худро идома додааст.

Солҳои 2009- 2012 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ ба сифати мутахасиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, илм ва маориф ва муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ, солҳои 2013 то 2017 дар Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба сифати ҳуқуқшинос, солҳои 2017-2020 ба ҳайси Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон кор кардааст.

Унвонҷуй соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ-ро бо ихтисоси идоракунии давлатӣ хатм намудааст.

Аз моҳи январи соли 2020 Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи номзадии ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 28 апрели соли 2018, №8 (17-18) тасдиқ шудааст.

Ба унвонҷӯ Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 04 октябри соли 2022, №166 аз ҷониби ДМТ дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 5 (аъло), санаи 20.04.2019

2. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 5 (аъло), санаи 20. 05.2019

3. Ихтисоси илмӣ – 12. 00. 03 . - 5 (аъло), санаи 13.12.2019

Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети хуқукшиносии ДМТ ба ҳимоя ва экспертизаи даври дуюми муассиса тавсиядода шудааст (аз 4 – уми ноябри соли 2022, № 5/1.).

Диссертатсияи унвонҷӯй 23 – юми январи соли 2023 дар ҷаласаи шурои (семинари) илмии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима карда шуд ва ба ҳимоя пешниҳод гардид.

**Муқарризони расмӣ.**

–Шавкат Маҳмудович Исмоилов – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Дилшод Аҳрорович Сидиқов - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Дар маҷмуъ тақризҳои муқарризони расмӣ мусбӣ арзёбӣ мешаванд. Вале дар онҳо баъзе эродҳо ҷой доранд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия унвонҷуй ба онҳо посух медиҳад.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (шаҳри Душанбе). Дар маҷмуъ тақризи муассисаи пешбар мусбӣ мебошад. Ҳамзамон дар он баъзе эродҳо ҷой доранд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия унвонҷуй ба онҳо посух медиҳад. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби У. А. Меликов – иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисосаш: 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) таҳия гардида, дар ҷаласаи ҳамин кафедра ва семинари васеи илмӣ – назариявии он, аз 20 – уми майи соли 2023 (суратмаҷлиси № 10) муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар он

қайд карда мешавад, ки диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона навишташуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар матни он меъёрҳои қоидаи имлои забони тоҷикӣ ва одоби илмӣ риоя карда шудааст. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асарҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳи гуногун саҳми шахсии муҳаққикро муаррифӣ мекунад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти талаботҳои бандҳои 67 – 70 ва 74 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби онҳо бо он асоснок мебошад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси зикршуда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмии онҳо ба масъалаҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ робита доранд.

Унвонҷӯй муаллифи асарҳои зиёди илмӣ мебошад, ки дар онҳо ҷиҳатҳои норавшанӣ масоили ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ҳалли худро пайдо кардаанд. Масалан, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ 5 мақола, дар дигар манбаҳои чопӣ 3 мақола ва 1 монография интишор гардид. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти унвонҷӯй зиёда аз 10 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Интишороти муҳимми унвонҷуй аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти зикршуда:**

**1. Монография:**

1. Раҳмонзода, А. Қ. Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ: монография [Матн]. / А. Қ. Раҳмонзода – Душанбе: ЭР – граф, 2023. – 185с. ISBN 978 – 99985 – 927 – 8 – 0

**2. Маколаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

2. Рахмонзода, А.К. Некоторые теоретические и правовые проблемы коммунальной собственности в Республике Таджикистан / А.К. Рахмонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 270–274. ISSN 2413 – 5151.

3. Рахмонзода, А.К. Правовое регулирование коммунальной собственности в Республике Таджикистан / А.К. Рахмонзода // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – № 1 (25). – С. 197–207. ISSN 2307 – 5198.

4. Раҳмонзода, А.Қ. Моликияти коммуналӣ дар низоми ҳуқуқи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Қ. Раҳмонзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2019. – Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – № 2. – С. 38–43.

5. Раҳмонзода, А.Қ. Пайдоиши моликияти коммуналӣ / А.Қ. Раҳмонзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2019. - № 4 (28). – С. 165 – 175. ISSN 2307 – 5198.

6. Ғафурзода, А. Д., Раҳмонзода, А.Қ. Баъзе масъалаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ / А. Д. Ғафурзода, А. Қ. Раҳмонзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: матбааи ДМТ, 2022. - № 3 (39). – С. 117 – 130. ISSN 2307 – 5198.

**3. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

7. Раҳмонзода, А.Қ. Танзими ҳуқуқӣ – назариявии моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Қ. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2019. – № 3/2 (64). – С. 40–45. ISSN 2663 – 5534.

8. Раҳмонзода, А.Қ. Мафҳум ва вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. / А. Қ.

Раҳмонзода // Маҷмӯи маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия таҳти унвони "Ҳалли масоили муҳоҷират ва рушди ҳамкорӣ дар доираи СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ." – Душанбе: Матбааи АИДНП ҶТ, 2022. – С. 133 – 139.

9. Раҳмонзода, А.Қ. Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. / А. Қ. Раҳмонзода // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ."- Душанбе: Матбааи АИДНП ҶТ, 2023. – С. 268 – 273. ISSN 2664 – 0651.

**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди** ДМТ аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо ба автореферати диссертатсия ворид шудаанд: Игорь Борисович Лагутин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи молиявӣ, истеҳсолти суди конститутсионӣ, маданӣ ва маъмурии Донишгоҳи давлатии Ҷанубу Ғарбӣ (Россия); Зайнура Исрофиловна Исмоилова – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; Ш. Ҷ. Шарифов - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Ҳамаи мукарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар онҳо баъзе эродҳои оид ба субъекти ҳуқуқи маданӣ будани мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, мавриди амал гардидани Кодекси мадании ҶТ, объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ва ғайра ҷой доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷуйи дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

- дар ҳамагуна мафҳум бояд ҷанбаҳои асосии объекти муайяншуда инъикос гардад. Ба ақидаи ӯ моликияти коммуналӣ – ин ашёҳои молӣ, аз он ҷумла маблағҳои пулӣ мебошанд, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории онҳо аз ҷониби мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Дар он объекти моликияти муайян карда шудааст. Бо чунин сифат ашёҳои молӣ (ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда ва ашёи хоса) ба муомилоти маданӣ ворид мешаванд. Дар мафҳуми овардашуда се ваколати молик – соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории объектҳои моликият қайд шудаанд. Дар охир субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ -мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян шудаанд.

- ошкор мекунад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шахси ҳуқуқии оммавӣ мебошанд. Онҳо субъектони махсуси ҳуқуқи маданӣ буда, қобилияти ҳуқуқдории онҳо маҳдуд мебошад, бинобар ин онҳо наметавонанд ба ҳама гуна фаъолият машғул шаванд, ба ғайр аз иҷрои вазифаҳое, ки қонун мушаххасан дар нисбати онҳо муайян кардааст. Ин маънои онро дорад, ки принсипи умумии ҳуқуқ «ҳама чи раво аст, агар қонун манъ накарда бошад» дар нисбати онҳо татбиқ намешавад. Ҳамзамон субъекти махсус бошанд ҳам, онҳо дорои ашёҳои молии алоҳида, суроғаи ҳуқуқӣ, суратҳисоби бонкӣ ва ном буда, дар муносибатҳои молумулкӣ аз номи худ баромад намуда, дорои қобилияти ҳуқуқи мурофиавӣ низ мебошанд. Давлат ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо молумулки дар асоси ҳуқуқи моликият ба онҳо таалуқдошта, ба ғайр аз молумулке, ки ба шахси ҳуқуқии таъсисдодаи онҳо бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё идораи оперативӣ вобаста карда шудааст, ҷавобгар мебошанд. Шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шудаанд, аз рӯйи уҳдадориҳои муассисони худ ҷавобгар намебошанд. Муассисон низ, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун, аз рӯйи уҳдадориҳои чунин шахсон ҷавобгар нестанд. Давлат аз рӯйи уҳдадориҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷавобгар

набуда, воҳидҳои мазкур аз рӯйи уҳдадориҳои якдигар, инчунин аз рӯйи уҳдадориҳои давлат ҷавобгарӣ надорад. Ҳолатҳои овардашуда далели он аст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шахси ҳуқуқии оммавӣ мебошанд.

- ба ақидаи ӯ масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар диссертатсия пурра таҳлил ва асоснок карда шудааст (саҳ. 84 – 103.). Ҳамчун шахсони ҳуқуқии омма онҳо қобилияти ҳуқуқи субъективии махсус доранд. Онҳо уҳдадоранд объектҳои моликияти худро аз рӯйи таъинот соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намоянд. Мақсади асосии иштироки мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар муомилоти маданӣ истеҳсоли ашёҳои молӣ, иҷрои кор ва хизматрасониҳое мебошад, ки аҳамияти маҳаллӣ дошта, аҳолии маҳал ба онҳо ниёзманд мебошанд. Онҳо дар риояи речаи махсуси молумулкӣ ба сифати соҳибкор ё тоҷир баромад намекунанд, зеро ки мақсади онҳо гирифтани фоидаи тиҷоратӣ нест.

- исбот мекунад, ки дар асоси қ. 1 м. 133 Кодекси мадании ҶТ деҳа дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ иштирок мекунад. Чунин вазъ дар шахсияти ҳуқуқии Ҷамоати деҳа ифода мегардад. Агар деҳа яке аз намудҳои воҳидҳои марзию ҳудудӣ бошад, мувофиқи сархати 3 м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” аз 5 – уми августи соли 2009, № 549, Ҷамоати деҳа мақоми худидоракунӣ буда, аз ҷониби аҳолии деҳа интихоб мешавад ва масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ доштаро ҳал менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ҶТ давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Риояи ин арзишҳои бунёдӣ дар нисбати моликияти давлатӣ таъсири худро расонидаанд. Демократӣ будани ҶТ тақозо мекунад, ки воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар шахсияти мақомотҳои маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ, Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки худро мақсаднок амалӣ намоянд, ташаббускор ва мустақил бошанд;

- моликияти давлатӣ тибқи принсипи ду сатҳона ба вуҷуд омада (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), бинобар ин дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд асосӣ бошад. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бояд ҷиҳати иҷрои дахлдори ухдадориҳои худ дорои маблағҳои мутаносиб ва мустақилияти иқтисодӣ бошанд;

- тибқи принсипҳои: «маблағ ва моликият баъд аз фароҳам овардани вазифаҳо» ва «бисёрсатҳии моликияти давлатӣ» ҶТ ва воҳиди маъмурию ҳудудӣ бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди инсон, ҷомеа ва давлат молу мулки худро доранд;

- назарияи бисёршаклии моликияти давлатӣ дар м. 1, 7, 12, 13 ва 77 Конститутсияи ҶТ ва дар м. 24 – 34 боби 4 «Асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳавӣ эътироф шудааст ва амалияи татбиқи он тадқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд;

- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи субъекти ҳуқуқи моликият будани мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот замина мегузорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масъалаҳои танзими ҳуқуқии иштироки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар муносибатҳои молумулкӣ дар асарҳои Б. С. Аминҷонов, С. Ш. Болтуев, И. Ҳ. Species Бобоҷонзода, Ш. К. Ғаюрзода, А. Д. Ғафурзода, Ш. М. Исмоилов, З. К. Қодиров, Қ. Ш. Қурбонов, Н. Р. Латифзода, Ш. Менглиев, М. А. Маҳмудзода, К. Т. Мухторов, В. А. Ойгензихт, Х. Ойев, М. З. Раҳимзода, Д. Ш. Сангинзод, Ф. С. Сулаймонов, Ш. Т. Тағойназаров, О. У. Усмонов, Х. Ҳамидов ва дигарон таҳлил шудаанд.

Дар мавзӯи ҳуқуқи моликияти мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тадқиқотҳои И. Ю. Аккуратов, С. В. Артюшин, А. М. Сирин ва дигарон хеле муҳим мебошанд. Лекин дар ҶТ ҳанӯз ҳам омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ анҷом дода нашудааст, ки яке аз камбудиҳои ҷиддӣ мебошад.

Ҷиҳатҳои иқтисодӣ – ҳуқуқии масъалаҳои моликият дар давлатҳои пешрафтаи Ғарб аз ҷониби А. А. Алчиан (A. A. Alchian), Н. Демсец (H. Demsetz), Р. Куз (R. Coase), Д. Норт (D. Nort) ва О. Е. Вилиамсон (O. E. Williamson) таҳлил шудаанд, назари онҳо барои таҳқиқоти мазкур аз аҳамият холӣ нест.

Омӯзиши асарҳои илмии олимони зикргардида ва муаллифони дигар имкон дод, ки рӯзмарра будани масъалаҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ асоснок карда шавад. Ин аз муҳим ва зарурӣ будани натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

- пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар бахши алоҳида муқаррар гардида, барои такмили минбаъдаи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ равона шудаанд;

- хулоса ва андешаҳои унвонҷуй аз таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд омада, барои такмили ҳуҷҷатҳои барномавии такмили идоракунии давлатӣ ва рушди маҳалҳо замина мегузоранд;

- хулоса ва андешаҳои унвонҷуй бо амалияи таълимоти ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд буда, барои такмили нақшаҳои таълимӣ, услуби ташкили корҳои илмӣ ва такмили методикаи таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», қисмҳои 1, 2, 3, «Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва курси махсус «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқи маданӣ» замина мегузоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

- аз ҳастии низоми ҳуқуқии ҶТ, омӯзиши дастовардҳои мактабҳои илмии ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ ва таҳлили илмию амалии қонунгузории миллӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар ташаббусҳо ба вуҷуд омадаанд ва дар шароити кишвар татбиқшаванда мебошанд;

- заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводҳои чопшудаи амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амалияи мақомотҳои маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва дигар манбаҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии унвонҷуй.** Унвонҷуй ба масъалаҳои мураккаби ҳуқуқи моликияти коммуналӣ мустақилона ибрози назар намуда, консепсияи худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия моҳияти моликияти коммуналӣ, пайдоиш, рушди ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар ин асос амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи таълимии масъалаҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ таҳлил шудааст, ки барои фаъолияти илмӣ – омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сифати он муҳим мебошад.

Унвонҷуй аълочии фарҳанги ҶТ ва аълочии маориф ва илми ҶТ буда, дорандаи мукофотҳои давлатии “Медали Хизмати шоиста” ва медали ҷашнии “30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин медали ҷашнии 20- солагии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай мебошад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 4 – уми июли соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи

соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: Азиззода У. А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент: Назаров А. Қ.**

4 – уми июли соли 2023